# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН[1] ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2026

*Сарфи назар аз ҷой доштани номуайяниҳои иқтисодӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсии ҷаҳон ва ноустувории бозорҳои молиявӣ, низоми бонкии кишвар дар нимсолаи якуми соли 2026 пардохтпазир, даромаднок ва бо сармояи кофӣ фаъолияти худро ҷамъбаст намуд.*

**Кифоятии сармоя.** Меъёри кифоятии сармоя (К1-1) ва меъёри кифоятии сармояи асосӣ (К1-3) нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ ба ҳисоб рафта, дар интиҳои моҳи июни соли 2026 аз ҳудуди муқарраршуда баланд (мутаносибан 12,3 банди фоизӣ (б.ф.) ва 10,5 б.ф.) иҷро гардида, мутаносибан 24,3 фоиз ва 20,5 фоизро ташкил доданд.




Нишондиҳандаҳои мазкур аз қобилияти баланди ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои пӯшонидани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамониати низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (30 фоиз) мутобиқ буда, 81,0 фоизро ташкил намуд. Пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ бошад, ба 81,3 фоиз баробар гардид. Меъёри пардохтпазирӣ барои ташкилотҳои қарзии низомсоз низ ба талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (50 фоиз) мутобиқ буда, ба 75,8 фоиз расид.




Нишондиҳандаи амонатҳо нисбат ба сандуқи қарзӣ дар моҳи июни соли 2026 ба 129,3 фоиз баробар гардид, ки ин ба коҳиш додани хавфи пардохтпазирӣ то андозае таъсири мусбат мерасонад.

Сатҳи баланди пардохтпазирии низоми бонкӣ баҳри таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва васеъ намудани доираи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.




**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокӣ аз рӯйи дороиҳо ва сармоя ҳамчун ифодакунандаи самаранокии фаъолияти низоми бонкӣ, тамоюли муътадил дошта, мувофиқан 5,3 фоиз ва 28,5 фоизро ташкил намуданд.

Даромади фоизии холис дар муқоиса ба моҳи июни соли 2025 ба андозаи 12,7 фоиз афзуда, ба зиёдшавии

[1]*Бонкҳо ва ТАҚХ.*

даромади умумии низоми бонкӣ боис гардид. Вобаста ба ин, нишондиҳандаи даромади фоизии холис нисбат ба даромади умумӣ[2] дар низоми бонкӣ 53,2 фоизро ташкил дод.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (ҚҒФ)[3] дар сандуқи қарзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ нисбатан (ба андозаи 0,1 б.ф). афзуда, 6,9 фоизро ташкил намуд. Ҳамчунин, тибқи таҷрибаи байналмилалӣ ҚҒФ-и зиёда аз 90 рӯз батаъхирафтода ҳисоб карда мешавад, ки дар ҷамъбасти моҳи июни соли 2026 дар низоми бонкии кишвар ба 3,4 фоиз баробар гардид.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) нисбат ба ҚҒФ бошад, дар ин давра ба 102,3 фоиз баробар гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ таносуби нишондиҳандаи ҚҒФ тарҳи ФПТИ нисбат ба сармояи танзимшаванда (СТ) -0,5 фоизро ташкил дод, ки ин нишондод кам будани сарбории ҚҒФ-ро ба сармоя ифода менамояд.

Нишондиҳандаи қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда дар низоми бонкӣ аз 58,4 фоиз дар соли 2023 то ба 52,8 фоиз дар давраи ҳисоботи коҳиш ёфт, ки ин аз кам шудани таҷаммуи хавфи қарзӣ ва беҳтар шудани сифати сандуқи қарзӣ гувоҳӣ медиҳад.

**Хавфи асъорӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ ва пасандозҳои асъорӣ дар муқоиса ба интиҳои моҳи июни соли 2025 ба андозаи 2,7 б.ф. ва 1,5 б.ф. коҳиш ёфта, мувофиқан 20,9 фоиз ва 39,1 фоизро ташкил намуданд. Раванди коҳишёбии долларикунонӣ аз кам шудани хавфи асъорӣ ва таъсири омилҳои беруна ба низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Яке аз роҳҳои муайян намудани осебпазирии сармояи низоми бонкӣ ба хавфи асъорӣ ин таносуби мавқеи умумии кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда мебошад, ки номувофиқатии мавқеи кушодаи асъориро аз рӯйи дороиҳо ва ӯҳдадориҳо нишон медиҳад. Дар интиҳои моҳи июни соли 2026 нишондиҳандаи болозикр ба 0,7 фоиз баробар гардид, ки паст будани осебпазирии низоми бонкӣ нисбат ба тағйирёбиҳои қурбиро нишон медиҳад.

***4. Сифати сандуқи қарзӣ***




***5. (ҚҒФ-ФПТИ)/СТ***




***6. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ***




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*

[2] *Тибқи Роҳнамои ҷамъоварии нишондиҳандаҳои устувории молиявии ХБА.*
[3] *Қарзҳои зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода.*